# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-102 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» вобаста ба қабули диссертатсияи Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ», зери роҳбари номзади илмҳои химия, дотсент Хайрзода Ашуралӣ Гургак, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ)**

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-102 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсияи Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ), дар асоси қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-102 аз 21.02.2026 суратҷаласаи №2 дар ҳайати 3 нафар тасдиқ шудааст.

**1. Қурбонов Амиршо Соҳибназарович** - узви шуро, доктори илмҳои химия аз рӯи ихтисоси 6D011202 - Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ)-раиси комиссия;

**2. Нуров Умархон Алихонович** – узви шуро номзади илмҳои химия аз рӯи ихтисоси 6D011202 - Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ) - аъзои комиссия;

**3. Азимов Раҳматулло Раҳимович** – номзади илмҳои педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогика – аъзои комиссия.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 15. 10. 2022, №08 Д/Р - ба ҳайси докторант (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё (6D011202 – Назария ва технологияи

таълими химия (таҳсилоти касбӣ)-и кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қабул гардида, мавзуи илмии хешро таҳти роҳбарии Хайрзода Ашурали Гургак - номзади илҳои химия, дотсенти кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав №6 аз 24.01.2023, тасдиқ намудааст.

Диссертатсияи Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ) дар ҷаласаи васеи кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, суратҷаласаи №6-1 аз 10.01.2026, муҳокима гардидааст.

Комиссияи экспертӣ таҳқиқоти диссертатсияи Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна омӯхта мавриди баррасӣ қарор дод ва ҳисоб мекунад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст.

Диссертатсияи Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна ба омӯзиши масъалаҳои муҳимми «Асосҳои методии ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ», аҳаммияти илмии баланд дорад. Таҳаввули асосҳои методии ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бахшида шудааст. Таҳқиқоти мазкур ба барномаҳо ва ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад ва бо мақсади расидан ба ҳадафҳои барномаи мазкур роҳандозӣ шудааст.

Аҳаммияти кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки истифода кардани муносибати нав бо номи ташаккули салоҳияти

мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ ҳини омода намудани соҳибкасбон дар МТМК риояи яке аз талаботҳои асосии дар замони ҷаҳонишавии соҳаи маориф маҳсуб меёбад. Бояд гуфт, ки ба роҳ мондани таърихи методикаи омодасозии соҳибкасбон ба раванди ташаккул, инкишоф ва шаклгирии муаҳассилин шуруъ аз зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ наметавон бетаъсир бошад.

Таҳқиқот тарзи самараноки муносибат ҳангоми тадриси корҳои лабораторӣ дар озмоишгоҳ ва дар заминаи он муайян намудани мушкилоту дастоварди соҳибкасбони ояндаи химия боис мегардад, ки дар оянда, бо истифодаи тавсияҳои ироашуда, кор дар ин самт вусъат бахшида шавад.

Самаранок истифода карда тавонистни муносибати ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми дарсҳои назарӣ, озмоишӣ, амалӣ, кмро, дар низоми технологияи муосири таълим маъмултарин навгонӣ маҳсуб ёфта, пажӯҳиши амиқи он ҳануз ба таври ҷудогона сурат нагирифтааст.

Дар диссертатсия талош шудааст, ки истифодаи шакли таълими ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ бо дастуру барнома ва намунаи амсилаҳои мушаххас нишон дода, бароиислоҳи норасоиҳои ҷойдошта пешниҳодҳо ироа гарданд. Дар ин зинаи таҳсил пешравӣ ва касбияти хоссаи соҳибкасбон ҳангоми пешаки омода намудани маводи таълими барои ҳама гуна шаклҳои дарс мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шудааст. Ин ва дигар омилҳо аз мубрам будани мавзуи таҳқиқотӣ дарак медиҳанд.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба самти ихтисоси шурои диссертатсионии 6D.КОА-102 оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ) мувофиқ аст.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 6D011200 – Кимиё (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ) мутобиқ аст, ки бандҳои зеринро дар бар мегирад.

*-банди 2.* Асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои педагогии нав ва системаи методии таълим дар асоси технологияҳои иттилоотӣ-

коммуникатсионӣ, ки дар зинаҳои гуногуни таълими химия рушди хонандаро таъмин менамояд;

-*банди 3.* Назарияи таҷрибаи пешқадами таълим ва тарбияи химия;

-*банди 4.* Таҳқиқоти муқоисавии назария ва методикаи таълими химия дар системаҳои гуногуни педагогӣ;

-*банди 8.* Назария ва амалияи коркарди стандартҳои давлатии таълими зинаҳо ва соҳаҳои гуногуни таълими химия;

-*банди 14.* Коркарди баномаҳои таълимӣ аз химия барои таълимгоҳҳои гуногуни зинаҳои таълимӣ;

-*банди 18.* Усулу воситаҳо, шаклу технологияҳои таълим, кори мустақилона ва худомӯзӣ;

-*банди 20.* Масъалаҳои коркарди системаҳои методии нави таълим ва тарбия аз химия мутобиқ ба самтҳои рӯзмарраи таълими химия;

-*банди 21.* Назария ва методикаи истифодаи аёнияти техникии таълим дар соҳаҳои гуногуни дониш ва дар зинаҳои мухталифи таълим;

-*банди 29.* Масъалаҳои мураттабсозии мазмун, усулҳо ва шаклҳои ташкилкунии таълим ва тарбия аз химия дар шароити муосири ҷамъияти иттилоот ва коммуникатсияи ҷаҳонишавӣ;

**Навгонии илмии таҳқиқот** кори диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки бори аввал ба таври ҳатмӣ фаро гирифтани таълим бо истифодаи салоҳияти мустақилият дар донишҷӯён мавриди таҳқиқ қарор гирифта, мавқеи он дар омодасозии соҳибкасбони замони нав муайян шудааст. Аҳаммияти ин метод дар низоми омода намудани соҳибкасбони муосир таҳқиқ гардида, роҳҳои беҳтар намудани истифодаи он ба миён гузошта шуд. Нақши техника ва технологияҳои таълим дар таҳияи амсилаю барномаҳои фаннӣ бо мисолҳои мушаххас баррасӣ ва таҳқиқ шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқ ва хулосаҳои пешниҳодшуда донишҳои назариявиро дар шинохти ихтисос бахусус барои фанни химия, биология, экология ва

амсоли ин афзуда метавонанд. Ин имкон медиҳад дар таҳқиқҳои минбаъда истифода гарданд. Муҳтавои кори диссертатсионӣ бахусус дар таҳқиқи омодасозии соҳибкасбони оянда барои муассисаҳои таълимии мухталиф замина фароҳам оварад. Кори диссертатсиониии мазкурро метавон барои таълифи рисолаҳои илмӣ ҳамчун сарчашма истифода намуда, дар ташкили курсу семинарҳо ва таҳияи китобҳои дарсӣ аз методикаи таълими химия истифода бурд.

Маҳз ҳамин ҷиҳатҳои масъала дар диссертатсияи Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна дар баробари пешниҳодҳои илмӣ-методӣ, илмӣ-амалӣ аз фанни химия аз оғоз то интиҳои диссертатсия дар мадди назари диссертант қарор гирифтааст.

Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна дар кори илмии хеш тарзу усулҳои навтарини омӯзиши фанҳои табиатшиносиро дар МТМК аз нигоҳи илмӣ педагогӣ пешниҳод намудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар раванди таҳқиқот диссертант методи рушди зеҳнӣ, амсиласозӣ, маҳорату малака, фаъолнокӣ, кор дар мустақилият, салоҳияти мустақилияти донишҷӯ, ташаккули шавқу рағбати донишҷӯён нисбат ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ махсусан химия мавриди баррасӣ қарор додааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ буда, натиҷа ва нуқтаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифро баръало нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф, ки дар 14 мақола, аз ҷумла 7 мақола аз Феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, 7 адади он мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ба чоп расида ташкил медиҳад.

Микдор ва сифатӣ мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба

табъ расонидаи довталаб ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) пурра ҷавобгӯ мебошад.

Мақолаҳои илмии интишоркардаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин омил аз риоя шудани талоботи банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои** таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд. Муаллифи диссертатсия зинаҳои бакалавр, магистр ва доктор PhD-ро бо мувоффақият хатм намудааст. Аз ин лиҳоз муҳаққиқ тавонистааст, ки масъаларо ҳам аз лиҳози илмӣ ва ҳам амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашида бошад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст.

Дар диссертатсия нуктаҳои илмӣ ба ҳимоя пешниҳодшаванда мавҷуд буда, диссертатсия аз муқаддима, ихтисораҳо, 3 боб, 8 зербоб, 11 ҷадвал, 11 расм, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аз 177 номгӯй ва 235 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, мавзуи интихобкардаи Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна бори нахуст буда, дар ин самт ягон таҳқиқот бурда нашудааст.

### Натиҷаҳои умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ

Хулосаҳо ва натиҷагириҳои дар диссертатсияи Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна, доир ба мавзуи «Асосҳои методии ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё (6D011202 –

Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ) асоснок буда, ба талабот оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати он ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Автореферат мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки рисолаи Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна, доир ба мавзуи «Асосҳои методии ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ) ба ҳимоя пешниҳод намудан мумкин аст.

Автореферати диссертатсия низ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия буда, ба талаботи муқарраршуда мутобиқ мебошад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

**Қарори комиссияи экспертӣ**

1. Диссертатсияи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ) Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-102 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D011200 – Кимиё (6D011202 – Назария ва

технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**Раҷабов Умаралӣ,** доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химия ва моддаҳои заҳрноки ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино;

**Давлатмуродзода Мирзомурод Давлатмурод,** номзади илми педагогӣ, саромӯзгори кафедраи химия ва методикаи таълими химияи ДДК ба **номи** Абуабдулоҳи Рӯдакӣ;

3. Пешниҳод мегардад, ки ба ҳайси муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара»** тавсия дода шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми химия, дотсент,
узви шурои диссертатсионӣ Қурбонов А.С.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илми химия, дотсент Нуров У.А

номзади илмҳои педагогӣ Азимов Р.Р.

«13» марти соли 2026